**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 28 феврали соли 2026, №92**

**Дар бораи сазовор донистани Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ – конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ санаи 20-уми декабри соли 2025, №86 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай 05-уми августи соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2015 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст. Аз соли 2019 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия ба ҳайси магистрант дохил шуда онро соли 2021 хатм кардааст.

Аз 2 сентябри 2019 то 1 сентябри соли 2020 - ҳуқуқшиносӣ ЧДММ Осиё хизматрасон аз 02 сентябри соли 2020 то 16 декабри соли 2021 мутахассиси пешбари шуъбаи ташкилию ҳуқуқи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Аз 17 декабри соли 2021 то инҷониб нозир-коргузори самти назорати иҷроиши қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовари прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2025, №9 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода – мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ д.и.ҳ., профессор мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– Алимов Суробшо Юсуфшоевич – профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славиянии) Тоҷикистон ва Россия;

– Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович – номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Каримзода У.К. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, (5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ Мансурзода А.М. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети №2, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва котиби ҷаласа Қодирзода Ғ.Н. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р., аз санаи 12 январи соли 2026 тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардидааст. Дар натиҷаи таҳлил паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниходҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Зоир, Ҷ.М., Олимзода, М.А. Таъсиси Институти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.М. Зоир, М.А. Олимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – №1 (29). – С. 55-60. ISSN 2305-0535.

**[2-М].** Олимзода, М.А., Таъсири ҳуқуқи байналмилалии интихобот ба қонунгузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Олимзода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4.2.(59). – С. 312-319. ISSN 2664-0651.

**[3-М].** Олимзода, М.А. Ташаккули қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Олимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №1. – С. 43-47. ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Олимзода, М.А. Мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Олимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №2. – С. 155-161. ISSN 2305-0535.

**[5-М].** Олимзода, М.А. Хусусиятҳои хоси баргузории ҷараёни интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Олимзода // Маҷаллаи идоракунии давлатӣ. – 2025. – №3. – С. 412-422. ISSN 2664-0651.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Олимзода, М.А. Самтҳои асосии такмили қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Олимзода // Конференсияи илмӣ – назариявӣ ҷумҳуриявӣ: Нақши Конститутсия дар рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ. – Душанбе, 2021. – С. 95-104.

**[7-М].** Олимзода, М.А. Интихобот асоси падидаи демократияи бевосита [Матн] / М.А. Олимзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Нақш ва ҷойгоҳи муҳаққиқони ватанӣ дар рушди илми

ҳуқуқшиносӣ» вазъ ва дурнамо, дар АИДНПҶТ. – Душанбе, 18 апрели соли 2024. – С. 464-473.

**[8-М].** Олимзода, М.А. Вазъи ҳуқуқии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Олимзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории маданӣ» дар АИДНПҶТ. – Душанбе, 31-уми октябри соли 2024. – С. 351-401.

**[9-М].** Олимзода, М.А. Тоҳлили муқоисавии ташкил ва баргузории интихоботи Президенти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ [Матн] / М.А. Олимзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуъи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар АИДНПҶТ. – Душанбе, 21 февралӣ соли 2025. – С. 99-113.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Исмоилзода С.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3.

**Самадзода Б.О. –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,

**Ҷамшедзода К.Ҷ. –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини якуми директори Маркази миллии конунгузории назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Диссертант дар пешниҳоди дуюми амалии худ иброз мекунад, ки бо дар назардошти зарурати такмили қонунгузорӣ оид ба интихоботи Президенти ҶТ, дар моддаи 28 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борай интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои зеринро зарур мешуморад, ки «номзад ба мансаби Президенти ҶТ ҳуқуқ дорад то 15 нафар шахсони боэътимод дошта бошад», меъёри мазкур ба «то 20 нафар шахсони боэътимод» иваз карда шавад. Пешниҳоди мазкур дар сатҳи автореферат чандон асоснок карда нашудааст, хуб мешуд муаллиф онро дар рафта ҳимоя асоснок менамуд..

2. Ба андешаи муаллиф, ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихобот дар доираи муққарароти қонунгузорӣ сурат гирифта, ҳуқуқҳои фитрӣ ба шумор

меравад. Ҳуқуқи интихоботӣ ҳамчун имконияти шахс ҷиҳати иштирок дар ҳалли масоили мухталифи ҳуқуқҳои сиёсӣ, таъмини волоияти қонун мебошад ва дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа нақши муассир дошта, масъулияти ҳар шахс дар интихоб, қарор ва амали худ ба шумор меравад. Пешниҳоди мазкур дар сатҳи автореферат чандон асонок карда нашудааст, хуб мешуд муаллиф масъалаи мазкурро дар ҷараёни ҳимоя асоснок менамуд.

3. Дар нуктаи 3, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, қайд карда мешавад "Пешбарии номзадон на танҳо оғози марҳилаи фаъоли раванди интихоботиро рамзгузорӣ мекунад, балки заминаи мусоидро барои муборизаи рақобатноки сиёсӣ фароҳам оварда, ба он сохтори ҳуқуқӣ ва ташкилии зарурӣ медиҳад". Вобаста ба ин аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар рафти ҳимоя зери "сохтори ҳуқуқӣ" ва "ташкилии зарурӣ" чи фаҳмида мешавад ва онҳо бо "пешбарии номзадон" чи алоқаманди дорад - шарҳ диҳад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқи ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқӣ – конститутсионӣ интихоботи Президенти ҶТ таҳлил намудааст;

– **пешниҳод шудааст:** Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба гурӯҳи санадҳои танзимкунандаи

раванди интихобот дохил мешаванд. Ҳадафи асосии онҳоро танзими муносибатҳои интихоботӣ, ташаккули стандартҳои ягонаи интихоботӣ ташкил медиҳанд, ки бояд дар қонунгузории давлатӣ муқаррар карда шаванд. Масъалаи татбиқи меъёру стандартҳои байналмилалиро таҳқиқ намуда, мо ба хулосае омадем, ки ин стандартҳоро метавон ба универсалӣ ва минтақавӣ тақсим кард. Категорияи якум муқарраротеро дар бар мегиранд, ки дар санадҳои байналмилалие, ки дар доираи СММ мустаҳкам шудаанд, муқаррар шудаанд. Гурӯҳи дуюмро санадҳои қабулкардаи ташкилотҳои гуногуни минтақавӣ ташкил медиҳанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин санадҳои САҲА ва санадҳои дар доираи ИДМ қабулшуда мебошанд.Таҳлили таҷрибаи конститутсионии давлатҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки се модели таъини интихоботи президентӣ дар ин кишварҳо мавҷуд аст:

1) Модели парлумонӣ – интихоботро маҷлисҳои қонунгузор таъин мекунанд (Тоҷикистон, Узбекистон, Арманистон).

2) Модели марказонидашуда – сардари давлат қарор дар бораи таъини интихоботро қабул мекунад (Россия, Қазоқистон, Беларус);

3) Модели интихоботӣ – Комиссияи марказии интихобот таъини интихоботро ба уҳда дорад (Украина, Латвия, Литва, Эстония)

**– исбот шудааст:** Бо назардошти такмил ва рушди низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳамаҷониба ва таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар раванди интихобот зарурати таҳия ва қабули Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» қабул карда шавад. Ин пешниҳоди ӯ бар он асос аст, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки масоили марбут ба баргузории интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути қонуни конститутсионӣ танзим мешавад;

**– ҷорӣ намудан:** Тибқи шумораи шахсони интихобшаванда, ҳавзаҳои интихоботӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

– ҳавзаҳои якмандатӣ, ки дар онҳо танҳо як номзад интихоб мешавад;

– ҳавзаҳои бисёрмандатӣ, ки дар онҳо ду ё зиёда номзад интихоб мешаванд. Низоми ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ дар ҶТ аз сатҳ ва навъи интихобот, инчунин, низоми ҷории интихоботӣ (мажоритарӣ ё пропорсионалӣ - баробар тақсимшуда) вобастагӣ дорад. Масалан, барои интихоботи Президенти кишвар як ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад, ки тамоми ҳудуди кишварро фаро мегирад. Ин ҳолат таъмини умумият ва баробарии иштироки ҳамаи шаҳрвандонро, новобаста аз ҷойи зист, таъмин мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажуҳиши пешниҳодшуда дар он аст, ки маводи ин рисола доираи

фаҳмиши илмии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки роҳҳои асосии самаранокии интихоботи Президенти ҶТ дар роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Нуқтаҳо ва пешниҳодоте, ки дар диссертатсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанҳои «**Ҳуқуқи конститутсионӣ**», «**Асосҳои ҳуқуқии интихобот**» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Масъалаҳое, ки дар ин диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ва дар пажуҳишҳои олимони ватанӣ таҷассум ёфтаанд, бо вуҷуди ин, самту равияҳои зиёде ҳастанд, ки ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷониба доранд.

– **баён шудани** таҳлили муқоисавии тартиби таъини интихоботи президентӣ дар кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки модели интихоботии Тоҷикистон ба шакли интихоботи парлумонӣ наздик буда, бо хусусияти хоси таъсиси ҳарду палатаи парлумон фарқ мекунад. Ин раванд тавозуни байни шохаҳои ҳокимиятро таъмин намуда, ба суботи институтсионалӣ ва рушду такмили ин ниҳоди давлатӣ мусоидат менамояд.

– **ошкор гардид:** Бо дар назардошти зарурати такмили қонунгузорӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

а). Дар моддаи 28: «Номзад ба мансаби Президенти ҶТ ҳуқуқ дорад то 15 нафар шахсони боэътимод дошта бошад», меъёри мазкур ба «то 20 нафар шахсони боэътимод» иваз карда шавад. Меъёри пешниҳодшударо бо он асоснок менамоем, ки дар ҶТ тайи солҳои охир рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиёт ва фарҳангӣ ба назар мерасад ва он бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ бе таъсир буда наметавонад, аз ин лиҳоз, зарурати то 20 нафар зиёд намудани шахсони боэътимоди номзад ба президенти ҶТ ба миён омадааст;

б). Дар банди 3 моддаи 36: «Шахсе, ки номзадиаш ба мансаби Президенти ҶТ, дар давраи гузаронидани интихоботи асосӣ пешбарӣ гардида, ба қайд

гирифта шуда буд, наметавонад дар раванди интихоботи такрорӣ ба сифати номзад пешбарӣ карда шавад»;

в) Дар моддаи 37 ибораи масъулият ба ибораи ҷавобгарӣ иваз карда шавад, яъне (Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

– **омухта шуданд:** Конститутсияи ҶТ аз соли 1994, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидораи маҳаллӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар кор баъзе меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ марбут ба соҳаи идоракунии давлатӣ ва интихобот, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст, инъикос гардидааст.

– **аз нав такмил додани** рушди низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳамаҷониба ва таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар раванди интихобот зарурати таҳия ва қабули Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» қабул карда шавад. Ин пешниҳоди ӯ бар он асос аст, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки масоили марбут ба баргузории интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути қонуни конститутсионӣ танзим мешавад.

– **муайян карда шуданд**, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ба кафолати таъмини баробарии номзадҳо, таъмини махфияти овоздиҳӣ, дурустии рӯйхати интихобкунандагон, ҳамзамон, ба пешгирии тақаллубу фишори маъмурӣ дар раванди интихобот таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст. Манъ будани лағви қарор оид ба таъини интихобот (ба истиснои ҳолатҳои фавқулода) ва эълони натиҷаҳои пешакии он принсипи устуворӣ ва пешбининашавандагии раванди интихоботро таҳким мебахшад. Пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо, таъмини иттилоот ва ташвиқу тарғиб барои таҳкими рақобати сиёсӣ ва огоҳии интихобкунандагон мусоидат мекунанд..

– **офарида шуд**: Таҳлили Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» имкон медиҳад, ки як қатор меъёрҳои марҳилаҳои раванди интихоботӣ дар интихоботи президентӣ муайян карда шаванд, ки метавонанд ба марҳилаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ ҷудо шаванд. Марҳилаҳои ҳатмӣ хусусиятҳои аслии раванди интихоботиро муайян мекунанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

– муҳтавои асосӣ, яъне ҳар як марҳила ҳадафи мушаххаси расмӣ дорад (масалан, таъини интихобот, таблиғоти интихоботӣ ва ғ.);

– доираи мушаххаси иштирокдорон – дар ҳар як марҳила субъектҳои муайян (комиссияҳои интихоботӣ, номзадҳо, мақомоти давлатӣ) ширкат мекунанд;

– шаклҳои расмӣ, яъне ҳар марҳила тавассути санадҳои меъёрӣ тасдиқ карда мешавад (масалан, фармон дар бораи таъини интихобот).

– **муаррифӣ карда шуд**: Масъалаи мақоми ҳуқуқии номзадҳо ба мансаби президенти ҶТ дар боби 6 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ба таври возеҳ муқаррар карда шудааст, ки ба кафолатҳои фаъолияти номзадҳои аллакай сабтиномшуда бахшида шудааст. Ба номзадҳо ба мансаби президенти ҶТ имкониятҳои зерин пешниҳод мегарданд:

– дастрасии баробар ба воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, радио ва телевизион дар қаламрави ҶТ;

– шароити баробари таъминоти моддӣ-техникӣ ва маблағгузории маъракаи интихоботӣ;

– имконияти баргузор намудани вохӯриҳо бо интихобкунандагон ва суханронӣ бо барномаҳои худ дар шаклҳои гуногун;

– озод шудан аз вазифаҳои хизматӣ ё истеҳсолӣ барои даврai пешбурди таблиғот бо нигоҳдории музди миёнаи меҳнатӣ;

– манъи аз кор озод кардан ё ба вазифаи дигар гузаронидан бе розигии номзад;

– ҳуқуқи сафари ройгон бо ҳама гуна воситаҳои нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ ва байнишаҳрии дохили ҷумҳурӣ (ба истиснои таксӣ);

– ҳифз аз таъқиби ҷиноятӣ, ҷазоҳои маъмурӣ ва чораҳои маҳдудкунанда бе ризояти КМИР ҶТ;

– ҳуқуқи таъин намудани шахсони боэътимод то 15 нафар.

– **асоснок шудааст**, ки танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ дар доираи васеи санадҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Мавқеъҳои дар илми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мавҷудбударо таҳлил намуда, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимкунандаи интихоботи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

– Конститутсияи ҶТ;

– санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ;

– қонунҳо (конститутсионӣ ва ҷорӣ);

– санадҳои зерқонунӣ.

– **истифода шудаанд:** Дар заминаи равиши мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, раванди интихоботро на танҳо ҳамчун пайдарпайии технологии марҳилаҳо, балки

ҳамчун низоми муайяни муносибатҳои интихоботӣ тасавур кардан мумкин аст, ки он дар доираи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд. Чунин амал дар рафти интихобот табиати ҳуқуқӣ дошта, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад ва рушди минбаъдаи маъракаи интихоботиро пешакӣ муайян мекунад. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, татбиқи механизми худпешбарӣ дар интихоботи Президенти ҶТ таҳқиқи амиқ ва асосноккунии ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Бояд ба назар гирифт, ки густариши механизмҳои пешбарии номзадҳо на танҳо бо танзими меъёрии ҳуқуқӣ, балки бо кафолатҳои муассири ташкилии амалӣ бояд ҳамроҳ гардад. Агар чунин низом бо таври возеҳ ва дақиқ таҳия нагардад, ин ташаббус метавонад натиҷаи баръакс диҳад яъне боиси мураккабшавии раванди интихобот ва коҳиши пешгӯйишавандагии он гардад, ки дар ниҳоят, ин метавонад ба суботи низоми сиёсӣ ва сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба институти интихобот таъсири манфӣ расонад;

– **муайян шудаанд:** Дар замони муосир раванди интихоботӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҶТ ҷойгоҳи марказӣ пайдо намуда, ба яке аз абзорҳои муҳимми татбиқи принсипи ҳокимияти халқ табдил ёфтааст. Интихоботи президентӣ на танҳо ҳамчун механизми ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ амал мекунад, балки воситаи калидии ифодаи иродаи шаҳрвандон ба шумор меравад, ки зарурати такмил ва рушди пайвастаи онро муайян месозад. Зеро омилҳои зикршуда якҷо заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалиро ба вуҷуд меоваранд, ки бе онҳо татбиқи пурраи принсипҳои демократӣ дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ имконнопазир аст.

– **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 28 феврали соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзозода Қ.Х.**

**28 феврали соли 2026**